**ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Хушвахтзода Қ.Х.
________________________
«_19_» ___03___ соли 2020.

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсия дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Дар давраи омода намудани диссертатсия муаллиф Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич аспиранти шуъбаи ғоибонаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети хуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамзамон омӯзгори кафедраи мазкур ба ҳисоб мерафт. Номбурда соли 2014 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст. Мавзӯи диссертатсияи аспирант аз ҷониби Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 3-юми апрели соли 2015, суратмаҷлиси №09 (14-15) тасдиқ шудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳоноти номзадӣ ба ӯ аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) аз 26 сентябри соли 2015, таърих ва фалсафаи илм аз 30 марти соли 2016 ва ихтисос (ҳуқуқи граждаӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) аз 03 октябри соли 2018 таҳти №3646 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич айни ҳол дар вазифаи муаллими калони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат ва муовини декани

факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба таълим дар шуъбаи муносибатҳои байналхалқӣ (ҳуқуқ) ва низоми таҳсилоти кредитӣ фаъолият менамояд.

Роҳбари илмӣ – Раҳимзода Маҳмад Забир, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия хулосаи зерин қабул карда шудааст:

Рушди соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даҳсолаи охир куллан фаъол гардида истодааст. Навобаста аз натиҷаҳои манфии буҳрони молиявии ҷаҳонӣ талаботи ҷомеа ба тарбия ва ташаккули соҳибкорони ҷавон, аз ҷумла соҳибкории хурд зиёд шуда истодааст. Рушди соҳибкории хурд ба гузариши бомуваффақияти кишвар ба роҳи инноватсионии рушд мусоидат менамояд. Аммо дар айни ҳол қонунгузории комплексии такмилёфта омода нашудааст, ки ҳадафҳои соҳибкории хурдро ба пуррагӣ ифода намояд. Чунин проблемаҳои ҳуқуқӣ боиси ба таври дахлдор рушд накардани соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад: дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар нашудани мафҳум ва аломатҳои субъектҳои соҳибкории хурд ва ҳунармандӣ ҳамчун навъи соҳибкории хурд; таҳлил нагардидани ташаккул ва рушди қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаи соҳибкории хурд; мавҷудияти мушкилот дар ҳолати ҳуқуқии соҳибкорони инфиродӣ ва ташкилотҳои тиҷоратӣ ҳамчун субъекти соҳибкории хурд; ба таври дахлдор мавҷуд набудани дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкории хурд, ҳавасмандгардонӣ ва маҳдудиятҳои фаъолияти онҳо, инчунин шаклҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкории хурд ва ғайра.

Бо назардошти муқаррароти зикршуда навиштани диссертатсия оид ба танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам арзёбӣ мегардад.

Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил

медиҳад.

Предмети таҳқиқоти диссертатсиониро қонунгузории танзимкунандаи соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ, инчунин фикру ақидаҳои олимон оид ба танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд ташкил медиҳанд.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили илмии проблемаҳои назариявӣ, амалӣ ва муқаррароти қонунгузорӣ оид ба танзими ҳуқуқии соҳибкории хурдро фаро гирифта, дарёфти роҳҳои ҳал ва пешниҳодҳо барои такмили қонунгузорӣ дар соҳаи соҳибкории хурдро дар бар мегирад.

Барои ноил шудан ба чунин мақсадҳо муаллиф дар таҳқиқоти илмӣ вазифаҳои зеринро муайян кардааст:

– муайян намудани мафҳум ва аломатҳои субъекти соҳибкории хурд;

– таҳқиқи моҳият ва мафҳуми ҳунармандӣ ҳамчун навъи соҳибкории хурд;

– таҳқиқи ташаккул ва рушди қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаи соҳибкории хурд;

– баррасии ҳолати ҳуқуқии соҳибкорони инфиродӣ ва ташкилотҳои тиҷоратӣ ҳамчун субъекти соҳибкории хурд;

– муайян намудани бақайдгирии давлатии субъектҳои соҳибкории хурд;

– омӯзиши асосҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкории хурд, ҳавасмандгардонӣ ва маҳдудиятҳои фаъолияти онҳо, инчунин шаклҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкории хурд;

– таҳияи пешниҳодҳо барои такмили қонунгузорӣ.

Асоси методологии таҳқиқоти диссертасиониро усулҳои умумӣ ва махсуси дарки илмии воқеияти ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Таҳқиқоти кори илмӣ ба як қатор усулҳои умумиилмӣ ва хусусӣ ба монанди: мантиқӣ, диалектикӣ, оморӣ, ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ ва

байнисоҳавӣ такя мекунад.

Асосҳои назариявии диссертатсияро масалаҳои мафҳум ва аломатҳои субъектҳои соҳибкории хурд, ташаккулу рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи соҳибкории хурд, ҳолати ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурд, хусусиятҳои бақайдгирии субъектҳои соҳибкории хурд, асосҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии субектҳои соҳибкории хурд, ҳавасмандгардонии ҳуқуқӣ ва маҳдудиятҳо вобаста ба инкишофи соҳибкории хурд, инчунин омилҳои дигаре, ки садди роҳи рушди ин намуди фаъолият мегарданд, ташкил медиҳад. Дар таҳияи диссертатсия муаллиф ба осори И.В. Амирханова, А.О. Блинов, В.С. Белых, В.Г. Игнатов, В.В. Волькова, Е.А.Суханов, И.В. Ершова, Ш.М. Менглиев, Ш.М. Исмоилов, А.А. Каримов, А.Г. Коршунов, Ф.А. Маҳмадшоев, А.В. Михайлов, Н.И. Химичева, О.Н. Горбунова, В.А. Ойгензихт, В.Ф. Попондопуло, М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинов, С.Г. Пепеляев, В.В. Сичинава, М.А. Суптаев, Е.Е. Тонков, И.В. Черняков ва олимони соҳаи иқтисоди тоҷик Д.К. Эшов, Р.Ҷ. Аминов, Т.Т. Алимов ва дигарон таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

Заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии диссертатсияро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, Фармонҳои Президент, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои давлатӣ ташкил медиҳанд. Дар кор баъзе меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дар соҳаи баамалбарории фаъолияти соҳибкорӣ эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ истифода шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба проблемаҳои танзими комплекси ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар диссертатсия паҳлуҳои гуногуни танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки дар илми ҳуқуқшиносии муосир навгонӣ маҳсуб дониста мешавад. Аз ҷумла: мафҳум ва аломатҳои субъектҳои соҳибкории хурд, мафҳум ва моҳияти ҳунармандӣ ҳамчун навъи соҳибкории хурд, ташаккул ва рушди

қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаи соҳибкории хурд, хусусияти ҳолати ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурд, таҳлилҳои иқтисодӣ-ҳуқуқии ҳавасмандгардонӣ ва маҳдудиятҳо, алоқамандии онҳо барои мусоидати рушди соҳаи соҳибкории хурд, асосҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии соҳибкории хурд ва шаклҳои ҳуқуқии онҳо.

Ба ҳимоя аз ҷониби диссертант 7 нуктаҳои илмӣ, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсияро ифода месозанд ва 5 пешниҳоди амалӣ бобати мукаммал гардонидани қонунгузорӣ ва ворид намудани тағйиру иловаҳо оид ба соҳибкории хурд пешкаш шудааст.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки натиҷаҳои он мумкин аст оянда дар таҳия ва рушди танзими фаъолияти ҳуқуқии соҳаи соҳибкории хурд, аз ҷумла фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурд, истифода бурда шавад. Таҳқиқотҳои гузаронидашуда ҳамзамон имкон медиҳанд, ки мушкилоти мавҷудаи назариявии мафҳумҳои баҳододашавандаи ҳуқуқи гражданӣ ва соҳибкорӣ тавзеҳ дода шавад. Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои диссертант барои такмили қонунгузорӣ, фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурд ва рушди соҳа заминаи хубе ба ҳисоб меравaнд. Маводи дисертатсияро ҳангоми омӯзиши фанни таълимии ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, кишоварзӣ, курси махсуси асосҳои танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти омӯзгорию таълимӣ, аз ҷумла ҳангоми гузаронидани лексияҳо, семинарҳо, омода намудани маводи таълимӣ ва методӣ истифода бурдан мумкин аст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки тавсияҳо оид ба такмили қонунгузорӣ дар соҳаи соҳибкории хурд, ки кори илмии мазкур дар бар мегирад, дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ истифода шуда метавонанд. Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд.

Оид ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия муаллиф дар чандин конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва

байналмилалӣ, семинар ва мизҳои мудаввар бо маърӯзаҳо баромад намудааст ва аз рӯйи мавзӯи рисола муаллиф 12 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст.

Мазмуну муҳтавои асосии диссертатсия дар интишороти илмии зерини муаллифи дисссертатсия дарҷ шудаанд:

1. Шарифов, И.М., Некоторые вопросы, касающиеся правового регулирования малого предпринимательства в Республике Таджикистан / И.М. Шарифов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: 2016. – № 2/9 (218). – С. 280–284.

2. Шарифов, И.М., Правовые стимулы и органичения развития малого предпринимательства / И.М. Шарифов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: 2017. – № 2/9. – С. 218–222.

3. Шарифов, И.М., Асосҳои ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши соҳибкории хурд / И.М. Шарифов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: 2017. – № 2/10. – С. 273–276.

4. Шарифов, И.М., Доир ба баъзе масъалаҳои танзими ҳуқуқии ҳунармандӣ ҳамчун шакли фаъолияти соҳибкорӣ / И.М. Шарифов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе: 2019. – № 1(25). – С. 147–156.

5. Шарифов, И.М., Правовой статус субъектов малого предпринимательства по законодательству республики Таджикистан / И.М. Шарифов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе: 2016. – № 4(16). – С. 171–178.

6. Шарифов, И.М., Доир ба баъзе масъалаҳои танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / И.М. Шарифов // Қонунгузорӣ. – № 1(21), 2016. – С. 70–74.

7. Шарифов, И.М., Меъёрҳои Конститутсия – ибтидои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ / И.М. Шарифов // Накши Конститутсия дар

инкишофи соҳаҳои ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маводҳои конфронси илмӣ–назариявӣ бахшида ба 22–юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) / Зери таҳрири д.и.ҳ., профессор Диноршоев А.М. – Душанбе: «Эксклюзив», 2016. – С. 96–101.

8. Шарифов, И.М., Правовое регулирование малого предпринимательства в Республике Таджикистан / И.М. Шарифов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018–2028», «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ», «70–солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе: Чопхонаи ДМТ. – С. 421–422.

9. Шарифов, И.М., Тазими ҳуқуқӣ ва рушди фаъолияти ҳунармандон ҳамчун субъекти соҳибкории хурд / И.М. Шарифов // Рушди қонунгузории соҳибкорӣ, тиҷорат ва сайёҳӣ дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ аз 18-уми майи соли 2018) / Зери таҳрири номзадҳои илмҳои ҳуқуқ, дотсент Раҳмон Д.С. ва дотсент Сангинов Д.Ш., Душанбе: «ЭР–граф», 2018. – 300 с. – С. 150–153.

10. Шарифов, И.М., Мафҳум ва моҳияти соҳибкории хурд / И.М. Шарифов // «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба 25 – солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳуриии Тоҷикистон» ва «70 - солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» аз 30-юми октябри соли 2019) / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: 2019. – 740 с. – С. 339–343.

Диссертатсия ба ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мувофиқат мекунад.

Хулоса ва пешниҳодҳои диссертатсия асоснок ва бо далелҳои муътамад ва умумиэътирофшудаи илми ҳуқуқшиносӣ исбот шудаанд, бо

воқеиятҳои таърихӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳо – иштирокчии ИДМ устувор гардидаанд. Онҳо дорои арзиши илмӣ ва амалӣ мебошанд.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич ба талаботи бандҳои 10-16-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

2. Диссертатсияи Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи граждан; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд 20 нафар. Дар натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 20 нафар, «муқобил» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар, Суратҷаласаи № 8 аз «17» марти соли 2020.

**Раиси ҷаласа:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ
ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сангинов Д.Ш.

**Котиби ҷаласа :** лаборанти кафедра Маҷидова Р.С.

Имзои Сангинов Д.Ш.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.